Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

19 феврали соли 2025
Чоршанбе
№ 15 (15130)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## САФАРИ АВВАЛИНИ ДАВЛАТӢ БА КУВАЙТ: МУЗОКИРОТИ ТАЪРИХӢ, МУЛОҚОТҲОИ СУДМАНД

***Бо даъвати Амири Давлати Кувайт Шайх Мишаал ас-Сабоҳ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 17-18 феврал бо сафари расмӣ дар ин кишвар қарор дошт.***



Солҳои охир Ўзбекистон дар доираи консепсияи сиёсати хориҷии навсозишуда баробари таҳкими робитаҳои хориҷӣ бо кишварҳои шарики анъанавӣ ва пурзӯр гардондани фаъолият дар созмонҳои байналмилалӣ аз роҳи густариши сафи шарикон пеш меравад.

Ин тамоюл махсусан дар ба марҳилаи нав баровардани равобит бо кишварҳои арабии Халиҷ бештар намоён мегардад. Ҷанбаи муҳими ин раванд он аст, ки муносибатҳо бо ин кишварҳо ҳам дар шакли бисёрҷониба ва ҳам дуҷониба ривоҷ меёбанд.

18 феврал дар доираи рӯзи дуюми барномаи сафар дар шаҳри Ал-Кувайт Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Валиаҳди ин кишвар Шайх Сабоҳ ас-Сабоҳ мулоқот анҷом дод.

Масъалаҳои рушди минбаъда ва таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии ҳамаҷонибаи Ўзбекистон ва Кувайт баррасӣ гардиданд.

Дар оғози суҳбат роҳбари Ўзбекистон ба Валиаҳд барои истиқболи гарм ва таваҷҷуҳи хоса изҳори миннатдории самимӣ намуд.

Таъкид гардид, ки гуфтушунидҳои таърихии сатҳи олӣ, ки рӯзи гузашта баргузор шуданд, инчунин мулоқотҳои судманд бо аъзои ҳукумат ва ширкатҳои пешсаф барои тавсеаи муносибатҳои гуногунҷанбаи байни ду давлат заминаи устувор фароҳам меоранд.

Тавофуқ ҳосил шуд, ки робитаҳо ва мубодилаҳо дар сатҳи олӣ ва баланд идома дода мешаванд. Ҳамчунин, созишҳо оиди ба роҳ мондани Платформа барои ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар маҷмааи агросаноатӣ, соҳаҳои нақлиёт ва логистика, тандурустӣ, маориф, фармасевтика, инфрасохтор ва дигар самтҳо ба даст омаданд.

Ба масъалаҳои дастгирии муштараки ташаббусҳо дар доираи муколамаи «Осиёи Марказӣ – Шӯрои ҳамкории давлатҳои арабии Халиҷ» таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Оид ба муқаррар намудани назорати муштарак ҷиҳати иҷрои ҳамаи қарорҳо ва созишномаҳои қабулшуда тавофуқ ҳосил гардид.

Дар рӯзи аввали сафари сарвари давлатамон ба шаҳри Ал-Кувайт бо Амири давлати Кувайт Шайх Мишаал ас-Сабоҳ, инчунин бо аъзои калидии Ҳукумат ва роҳбарони ширкатҳо ва муассисаҳои молиявии пешбари ин кишвар мулоқотҳои судманд баргузор кард.

Дар натиҷаи ин ҳамоиш Изҳороти муштарак қабул гардида, бастаи бузурги созишномаҳо оид ба самтҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи иқтисодӣ ба маблағи 4,9 миллиард доллар ба имзо расид.

Дар доираи барномаи фарҳангӣ роҳбари кишварамон аз намоишгоҳҳои осорхонаи «Қасри ас-Салом», ки фарҳанг ва таърихи мардуми Кувайтро инъикос мекунанд, боздид намуд.

Пас аз анҷоми чорабиниҳои сафари расмӣ дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Ал-Кувайт Президенти Ўзбекистонро Валиаҳд Шайх Сабоҳ ас-Сабоҳ ва дигар шахсони расмӣ гусел карданд.

**ЎзА.**

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН РАИСИ ШӮРОИ ОҚСАҚОЛОНИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКИРО ҚАБУЛ КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 18 феврал, баъди бозгашт аз Кувайт ба Тошканд раиси Шӯрои оқсақолони Созмони давлатҳои туркӣ, сиёсатмадори маъруф, собиқ Сарвазири Ҷумҳурии Туркия Бинали Йилдиримро, ки барои ширкат дар чорабиниҳои байналмилалии соҳаи шаҳрсозӣ ба мамлакати мо омадааст, қабул кард.***



Дар оғози вохӯрӣ меҳмони олимартаба ба сарвари давлатамон салом ва таманниёти накӯтарини Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоғанро расонд.

Бо назардошти афзудани нақш ва иштироки фаъолонаи Шӯрои оқсақолон дар ҳамоҳангсозӣ ва пешбурди ҳамкориҳои бисёрҷониба, масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунпаҳлӯ дар доираи созмон муҳокима гардид.

Таъкид гардид, ки ҷиҳати татбиқи барнома ва ташаббусоти дар анҷоми ҳамоишҳои Созмони давлатҳои туркӣ қабулшуда, тавсеаи шарикии амалӣ ва фаъолсозии робитаҳо аҳамияти калон доранд.

Масъалаҳои омодагӣ ва баргузории чорабиниҳои минбаъда дар доираи СДТ баррасӣ шуданд.

Бояд гуфт, ки Шӯрои оқсақолон мақомоти доимии машваратӣ дар назди Созмони давлатҳои туркӣ маҳсуб меёбад.

Конгресси шаҳрсозии ҷаҳони турк аз ҷониби Иттиҳоди муҳандис ва меъморон, ки соли 2002 дар Анқара таъсис ёфтааст, гузаронида мешавад. Дар фаъолияти иттиҳод ҳокимиятҳои шаҳрҳои Самарқанд ва Навоӣ фаъолона иштирок мекунанд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

*Муносибат*

## САРВАТИ БУЗУРГТАРИНИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Ҷавононояндаи ҳар як ҷомеа мебошанд. Онҳо воқеан сарвати бузургтарин ва ганҷинаи бебаҳои Ўзбекистон ба ҳисоб мераванд. Зеро, ҷавонони Ўзбекистони Нав пойдевори оянда ва рушди кишвар мебошанд.***

Таҷрибаи кишварҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки дар кадом давлат ҳуқуқи ҷавонон пурра таъмин гардад ва барои ифодаи қобилияти онҳо имкониятҳои зарурӣ фароҳам шавад, саҳми онҳо дар пешрафти Ватан хеле баланд ва самаранок хоҳад буд.

Сиёсати Президент оид ба ҷавонон ду самти муҳимро дар бар мегирад: аввал, дониши замонавӣ додан ба онҳо; дуввум, таъмин намудани шуғли ҷавонон.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## ДАР БОРАИ КУШОДАНИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ ЧОРУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҷамъомади умумии чоруми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон кори худро 20 феврал соати 10:00 дар шаҳри Тошканд, дар маҷлисгоҳи Сенати Олий Маҷлис сар мекунад.

Ҷамъомади умумӣ ба тариқи мустақил тавассути шабакаи Сенат дар YouTube пахш мегардад.

**ЎзА.**




## ҒЕЛОН ТАН АСТ, МАКТАБИ ОН ҶОН

***Рӯзномаи «Овози тоҷик» бо мақсади муайян сохтани мактаби пешқадами ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё дар байни шаш дабистони таълимашон ба забони тоҷикии ин қаламрав (25-31 январи соли 2025) сабқати назарсанҷие доир сохт. Корбарони телеграмканали «Овози тоҷик» дар ин кори хайр фаъол буданд ва 12818 нафар ширкат доштанд, ки талошу саъю ҳаракоташон боиси қадрдонист.***

***Мо ният доштем, ки робитаи хонандаву рӯзномаро қавитар ва меҳри ин нашрияи садсоларо дар дилҳо ба ҷунбиш оварем. Корамон бенатиҷа набуд. Аз аҳли ноҳияи Шаҳрисабз ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ сипосгузорем, ки ба телеграмканали «Овози тоҷик» номнавис шуданд ва шумори онҳоро аз ду ҳазор ба ҳашт ҳазор боло бурданд. Мо ваъда дода будем, ки аз ҳаёти мактабҳои ғолиб, омӯзгорони пешқадам, шогирдони фаъол, мушкилоти ҷараёни таълим, дар маҷмӯъ аз зиндагии мардуми шарафманди он маҳал мақолаҳои хонданӣ хоҳем навишт. Дар ин сабқат мактаби рақами 58-уми ноҳияи Шаҳрисабз (5968 овоз) ҷои аввал ва мактаби рақами 57-уми деҳаи Сарчашма (5056 овоз) мақоми дуюмро гирифт.***

***Ҷиҳати қадрдонӣ ва арзи сипос дар ҷамъомади бошукӯҳе ба ҷамоаи омӯзгорони мактаби рақами 58 диплом ва дигар туҳфаҳои хотирмон супорида шуд.***

***Мо ният дорем, ки минбаъд дари мактабҳои дигари тоҷикии ноҳияи Шаҳрисабзро низ як-як бикӯбем ва аз наздик шинос шавем. Аммо ҳоло сухан аз Ғелони латиф, мардуми худогоҳи он ва омӯзгорони ҷонсӯзаш...***

### ҒЕЛОН – ДЕҲАИ АФСОНАВӢ

Ин деҳа яке аз мавзеъҳои тоҷикнишини ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё буда, дар иҳотаи кӯҳҳои сарбафалаки Сиём, Умохона, Аваз, Кабуд, талу теппаҳои пасту баланди айни ҳол барфпӯш бо ҷамъи мардумони боғайрату меҳнатдӯст ва меҳмоннавозаш дар баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифтааст. Табиати дилфиребе дорад, ки ҳар бинандаро тасхир месозад. Ҳар касе шом худро ба ин деҳаи қадима расонад, ба кишвари афсона меафтад. Хонаҳо пушти ҳам ва хеле наздик ҷой гирифта, бо меъмории дилпазир куллан аз ду ошён иборатанд. Ҷодаҳо хеле танг ва гоҳ ба фароз, гоҳе ба нишеб рафтаву касро ба олами зебое раҳнамун месозанд. Нафаси кӯҳҳои босалобат ба тан нерӯи тоза мебахшад ва аз дидани барфхонаҳои он кӯҳҳои баланд симои ҷиддии мӯйсафедони баор дар зеҳни кас зинда мегардад, ки мудом даст ба дуоянд.

Маркази ноҳияи Шаҳрисабзро бо деҳкадаи Ғелон 87 километр роҳи ҷойе обод ва ҷойе хароб васл месозад, ки печидаву рӯ ба фароз рафта деҳаҳои Ҷайрахона, Такия, Миракӣ, Чаккӣ, Бешбек, Ҳисорак ва Яккахонаро қафо гузошта, ниҳоят ба ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ғелон» мерасонад. Маҳалла 5500 нафар аҳолӣ дорад ва 1276 хоҷагиро дар бар мегирад. Шумори занону духтарон 2670 кас мебошад, ки аксар хонашин ва ба тарбияти фарзандон машғуланд. Инфрасохтори маҳаллаи «Ғелон» беш аз пеш ривоҷ меёбад ва нуқтаҳои хидматрасонӣ ба сайёҳон фаъолтар мегарданд. Айни ҳол 28 мағозаи фурӯши маҳсулоти гуногун, 12 меҳмонхонаи оилавӣ, 3 дӯкони гӯшт, 3 сартарошхона, 7 дӯкони оҳангарӣ ва 30 коргоҳи дуредгарӣ фаъол буда, дигар мавзеъҳои тафреҳӣ низ сохта хоҳанд шуд.

Бояд таъкид кард, ки Ғелон аз ҳашт кӯчаи асосӣ таркиб ёфта, ҳар як ҷода ба ҷои номи алоҳида рақам дорад. Аммо мардум ҳар қисмати деҳаро бо номҳои алоҳида ифода ва онро гузар меноманд. Номҳои гузарҳои Ғелон низ хеле гӯшнавоз ҳастанд ва ҳар кадом таърихи ба худ хосе доранд. Сари гуро (гӯро), Дашти деа (деҳа), Пулаки чар, Гузари курон (кӯрон), Гузари дянав (деҳнав), Гузари арабон, Гузари боло, Гузари та, Гузари миёна, Сари чишма (чашма), Паси кунбардорак, Ҳавли ҳоҷиён, Ҳавли Муҳаммадмӯмино, Ҳавли Амино, Гулакон, Регистон, Чуқурако аз зумраи чунин гузарҳо мебошанд.

Дар Ғелон як бунгоҳи тиббӣ, ки таваллудгоҳе низ дар канор дорад, амал мекунад. Бахши ёрии таъҷилӣ 24 соат дар хидмати мардуми корафтода мебошад, мошинҳои хидматии он дар ҳолатҳои танготанг маризонро ба бемористонҳои маркази ноҳияи Шаҳрисабз мерасонанд.

Ғелон соҳиби ду мактаби таҳсилоти мутавассита (рақамҳои 58 ва 1) мебошад, ки дар маҷмӯъ 859 нафар муҳассили маҳаллиро фаро гирифтаанд. Таҳсил дар ин мактабҳо ба забони тоҷикӣ ҷараён дорад. Аммо дар муассисаи томактабии рақами 22-юми деҳа, ки соҳиби як бинои замонавӣ аст, таълим ба забони давлатӣ мебошад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# «БУҶАИ МАҲАЛЛА»: МАҚСАД, ИМКОНИЯТ ВА НАТИҶА

***Имрӯз дар Ӯзбекистон мавқеъ ва мақоми маҳаллаҳо пурзӯр гардида, ба як узви ҷудонопазири рушду нумӯи ҷомеа табдил ёфтааст. Институтҳои маҳалла ба рушди соҳибкорӣ, кӯмак ба аҳолии камбизоат, таъмини бекорон бо шуғли доимӣ, таъмини фаровонии зиндагии шаҳрвандон, муҳайё намудани имкониятҳои хуби муҳити зист ва билохира таъмини ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудуди маҳалла саҳм мегиранд. Дар ин ҷараён маблағҳои «Буҷаи маҳалла» кӯмакрасон аст.***

Мувофиқи қарори Президент аз 22 декабри соли 2022 бо мақсади боз ҳам васеъ намудани фаъолият ва имкониятҳои маҳалла «Буҷаи маҳалла» ҷорӣ карда шуд. Тибқи қарори мазкур, аз 1 январи соли 2023 дар маҳаллаҳои ноҳияҳое, ки дараҷаи пардохти андоз паст аст, ба тариқи эксперимент сохтори ҳуқуқии «Буҷаи маҳалла» дар тасарруфи ҳокимияти ноҳия таъсис дода шуд. Маблағҳои «Буҷаи маҳалла» аз ҳисоби 10 фоизи пардохти андози замин ва молу мулк ба вуҷуд оварда мешавад. Ин лоиҳа аз январи соли 2024 дар ҳамаи маҳаллаҳои ҷумҳурӣ татбиқ гардид.

— Солҳои охир ба туфайли саъю ҳаракати босамар дар назди ҳокимиятҳо буҷаи маҳалла пайдо гардид. Ҳамин гуна сохтор барои маҳаллаҳо низ созмон дода мешавад. Тасаввур намоед, агар маҳалла маблағ дошта бошад, роҳҳоро таъмир, аҳолиро бо оби ошомиданӣ таъмин мекунад. Маҳаллаҳо нумӯи тоза пайдо мекунанд, — гуфта буд сарвари давлат.

«Буҷаи маҳалла» қисми таркибии буҷаи маҳаллӣ буда, аз ҳисоби 10 фоизи андози пардохташуда ташаккул меёбад.

Албатта, ташаккули хазинаи буҷаи маҳалла аз ташаккули буҷаи миллӣ ё давлатӣ тафовут дорад. Пардохти андоз аз нархҳои иловагии баъзе маҳсулот, аксизҳо, андози даромад, боҷҳои давлатӣ, боҷи боҷхонаҳо ба буҷаи маҳалла ворид нагардида, бевосита ба буҷаи миллӣ пардохта мешавад.

Зикр бояд кард, ки истифода ва масрафи маблағи «Буҷаи маҳалла» аз истифодаи маблағи «Буҷаи шаффоф» тафовут дорад. Маблағҳои «Буҷаи маҳалла» бо қарори шӯрои маҳалла барои таъмир ва таҷҳизонидани бинои маҳалла, кӯмак ба оилаҳои камбизоат, гузаронидани тадбирҳои гуногун сарф мешавад. 9 декабри соли 2019 Президент ба Қонун «Дар бораи буҷаи давлатӣ барои соли 2020» имзо гузошт. Мувофиқи он маблағҳои буҷаи маҳаллӣ танҳо бо қарор ва ризоияти шӯрои намояндагони халқ мавриди истифода қарор меёбад. Ҳар сол то 1-уми моҳи феврал аз ҷониби ҳокимон, раиси маҳалла ва ёвари ҳоким рӯйхати лоиҳаҳое, ки аз маблағи «Буҷаи шаффоф» татбиқ мешаванд, барои бозрасӣ ва тасдиқ ба шӯрои намояндагони халқи ноҳия пешниҳод мегарданд. Пас аз тасдиқи лоиҳаҳо аз ҷониби шӯрои намояндагони халқи ноҳия лоиҳаҳо ба овоздиҳии шаҳрвандони маҳалла пешниҳод гардида, маҳаллае, ки аксарияти овозҳоро ба даст овардааст, ба гирифтан ва истифодаи маблағи муайян барои ҳалли муаммои маҳаллаи худ ҳуқуқ пайдо мекунад.

Маҳаллаҳо метавонанд маблағҳоро бо қарори шӯрои худ барои таъмир ва таҷҳизонидани идораҳои дахлдор, кӯмак ба ногиронон ва оилаҳои камбизоат истифода намоянд. Ин ҷо зикри як нукта доири «Буҷети шаффоф» зарур аст. Ғолиб омадан ҳангоми овоздиҳӣ ба «Буҷаи шаффоф» ба ободӣ ва татбиқи лоиҳаҳои нав дар маҳалла аҳамияти бештарро касб мекунад. Вале на ҳамаи мардуми мо моҳият ва аҳамияти ғолибият дар овоздиҳиро фаҳм кардаанд. Мушоҳида шудааст, ки дар маҳалла бунёди ду ва ё зиёда аз он объектҳо пешбинӣ шудааст. Дар ин маврид овозҳо ба ду ва ё се тақсим мешаванд. Ва ё баъзе ҳаммаҳаллаҳо барои як шиша равған ба маҳаллаи дигар овоз медиҳанд. Оқи-бат, аз ду-се лоиҳа дар амал якто ҳам татбиқ намегардад, чунки дигарон ғолиб меоянд.

Тибқи қарори Президент аз 16 августи соли 2022 дар ҳар як маҳалла Хазинаи бартарафнамоии муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки Хазинаи ғайриҳуқуқӣ мебошад, таъсис дода шудааст. Маблағи хазина аз ҳисоби ба савдои музояда гузоштани мулкҳои давлатӣ дар майдони то 2000 метри мураббаъ, ба иҷора додани биноҳо, хайрияҳои дохиливу хориҷӣ ташаккул дода мешавад. Мулки давлатиро ёвари ҳоким метавонад бо мақсади рушди соҳибкорӣ ва таъмини бекорон бо ҷойи кор, бартараф намудани камбизоатӣ ба фурӯш гузорад.

Бешубҳа, имрӯз дар нумӯъ, ободсозии инфрасохтори маҳаллаҳо, таъмини зиндагии фаровони мардум, бартараф намудани камбизоатӣ ва рушди соҳибкориву бунёди ҷойҳои нави корӣ, ҳалли муаммоҳои иҷтимоиву иқтисодии маҳалла «Буҷаи маҳалла», «Буҷаи шаффоф» ва дигар хазинаҳо мавқеи муҳим пайдо кардаанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



*Алҳол дар ноҳияи Амударёи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон низ барои мавсими баҳор техникаҳоро хушсифат таъмир ва ба кор омода мекунанд.*

*Техникаи хоҷагии қишлоқ, ки ба мавсими кишт ҷалб мешаванд, дар 16 устохонаи ҳудуди ноҳия ҷамъ карда шудаанд. Миқдори умумии тухмипошакҳо 150, култиваторҳо 325, сихмолаҳо 1700 ададро ташкил медиҳад. Ҳоло дар устохонаҳои ҳудуди овул ва маҳаллаҳои Тӯлқин, Қипчоқ, Дурмон, Қиличбой, Туркманистон, Намуна ва Тошёп таъмири техника ва механизмҳое, ки дар кишоварзӣ истифода мешаванд, анҷом меёбад.*

***Дар сурат:** техника таъмир ва ба мавсим омода карда мешавад.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***

*Муносибат*

***Ҳоло яке аз масъалаҳои муҳими рӯз дар марҳилаи нави рушди ҷомеасозӣ ин тақвият бахшидани ҳифзи истиқлолият, пойдор нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ ва таъмини сулҳу субот дар кишвар аст.***
***Ҷавонон ва сафарбар намудани қувваи бузурги онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ ва созандагию бунёдкорӣ яке аз самтҳое ба ҳисоб меравад, ки Сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев иқдому пешниҳодҳои ин табақаи Ӯзбекистони Навро пайваста дастгирӣ намуда, ба онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Далели раднопазир, чанде пеш бо ҷавонон вохӯрӣ кардани Сарвари давлатамон аст.***

# БА ТАҚДИРИ ВАТАН БЕПАРВО НАБОШЕМ



Бояд гуфт, ки масъалаи ҷавонон дар кишвари мо дар сатҳи сиёсати давлатӣ қарор дорад. Зеро таҳти ташаббуси Президенти мамлакат чун Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат эълон гардидани соли 2024 низ эътибори ҳукумат ба насли наврас мебошад.

Боиси хушнудист, ки дар Фармони Президент «Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи «Ӯзбекистон–2030» дастгирии ҷавонон, ҳалли мушкилот, таъмини шуғл, кумак барои намоён кардани имконияту истеъдоди онҳо яке аз вазифаҳои мушаххас муқаррар гардидааст.

Вале афсӯс, ки дар ҷомеаи кунунӣ бархе аз ҷавонону наврасон бинобар сабаби каммасъулиятиву бепарвогии волидон, фаъолони маҳалла ва албатта аз таъсиру побанди шабакаҳои иҷтимоӣ гардидан бекор ва ҳатто ба ҷиноят даст мезананд.

Бинобар ин мо бо муаллимон, ходимони дин, кормандони идораҳои ҳуқуқу тартибот, васоити ахбори оммавӣ дар гузару маҳалла, мактабу муассисаҳои таҳсилоти гуногун алалхусус бо ҷавонон суҳбати дилнишину самимӣ оро-ста, ба роҳи рост ҳидоят мекунем. Чунин вохӯрӣ дар маҳаллаҳои Чоршанбе, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мирзо Улуғбек, Сулфакабутак ва Ӯрташайх хотирмон гузашт.

Пӯшида нест, ки ҷавонони аз таҳсилоти ҳамагонӣ дур ва касби муайян надошта, аз ҳама бештар ба доми афроди тундравӣ ва ифротгароӣ гирифтор мешаванд

Аз ин рӯ бояд ҳар як фарди соҳибмаърифату соҳибэҳтиром ва хосатан волидайну омӯзгорон ба таълиму тарбияти насли наврас бомасъулият бошем, зеро ҷавонон бунёдкорони Ӯзбекистони Нав ва Эҳёи Сеюм ҳастанд.

**Ситорабону РАШИДОВА,**
**ҷонишини мудири шуъбаи асноди ҳолатҳои шаҳрвандии ноҳияи Самарқанд.**

# САРВАТИ БУЗУРГТАРИНИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар ислоҳот, ташаббус ва низомҳои наве, ки дар солҳои охир татбиқ мешаванд, маҳз ҳамин ҳадаф таҷассум ёфтааст.

Як вақтҳо, ҷавонон пас аз хатми мактаб, ба ҷойи идома додани таҳсил дар мактабҳои олӣ бештар ба кор ва пулёбӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Сабабаш дохил шудан ба мактабҳои олӣ душвор буд. Квотаҳо маҳдуд буданд ва имтиҳонҳои қабул мушкилоти зиёд доштанд. Дар муддати кӯтоҳ шумораи донишгоҳҳо 3 маротиба афзуда, фарогирии низом ба 42 фоиз расид. Ба туфайли пардохти маблағи шартномаи духтарон аз ҳисоби давлат, шумораи донишҷӯдухтарон 11 баробар афзуд.

Бо мақсади рушди дониш ва истеъдоди ҷавонон, мактабҳои президентӣ, мактабҳои эҷодӣ ва ихтисосӣ бо шакл ва муҳтавои нав таъсис ёфтанд. Ба тамоми мактабҳо таваҷҷуҳ зоҳир гардида, эътибор ва эҳтиром ба омӯзгорон афзуд. Дар натиҷа, шавқу ҳаваси насли нав ба донишомӯзӣ зиёд шуд.

Дар тӯли 25 соли охир, 800 нафар ҷавонон аз ҳисоби давлат барои таҳсил ба хориҷ фиристода шуда бошанд, танҳо дар 7 соли охир тавассути Фонди «Эл-юрт умиди» ин шумора 3 баробар афзоиш ёфт. Теъдоди олимони ҷавоне, ки дорои дараҷаи илмӣ мебошанд, 2 баробар зиёд шуда, ба 4 357 нафар расид.

Дар натиҷаи ислоҳоти низоми таълим, ҳоло зиёда аз 1,5 ҳазор донишҷӯи мо дар беҳтарин донишгоҳҳои ҷаҳон таҳсил мекунанд. Ин воқеае мебошад, ки дар таърихи Ӯзбекистон пештар мушоҳида нашуда буд. Ба наздикӣ, дар як форуми бузурге, ки дар Аморати Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, мактаби президентии шаҳри Тошканд дар сатҳи ҷаҳонӣ дар номинатсияи бонуфуз ғолиб дониста шуд. Ин нишонаи он аст, ки муносибати давлат ба ҷавонон дар миқёси миллӣ комилан тағйир ёфтааст.

Аз ин нуқтаи назар, низоми дастгирии ҷавонон таъсис дода шуд. Танҳо тавассути «Дафтари ҷавонон» соли гузашта ба 180 ҳазор ҷавон ба маблағи 345 миллиард сӯм кумак расонида шуд. Дар тӯли 8 соли охир, шумораи соҳибкорони ҷавон 3 маротиба афзуда, имрӯз тақрибан 40 фоизи намояндагони тиҷоратро ҷавонон ташкил медиҳанд. Шумораи ҷавонони бекор 2 баробар коҳиш ёфт ва шумораи маҳаллаҳои аз бекорӣ комилан холӣ ба 1889-то расид.

Дидгоҳи Президенти мо бобати сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон дар муддати кӯтоҳ дар як қатор санадҳои ҳуқуқӣ таҷассум ёфта, низоми қонунгузорӣ дар самти дастгирии ҷавонон ба таври ҷиддӣ такмил дода шуд.

Тайи ҳашт соли охир зиёда аз 100 ҳуҷҷати қонунгузорӣ барои таҳкими асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон қабул гардида, сохторҳои нав барои баррасии мушкилоти ҷавонон таъсис дода шуданд. Танҳо масъалаи дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон, таъмини шуғли онҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил, касбомӯзӣ ва зиндагии арзанда ба яке аз муҳимтарин ва афзалиятноктарин самтҳои сиёсати давлатии кишвари мо табдил ёфтааст.

Бо мақсади баланд бардоштани фаъолнокии сиёсии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба раванди қонунгузорӣ, дар соли 2020 дар назди Палатаи қонунгузории Парламенти ҷавонон ташкил карда шуд. Имрӯз он ҳамчун пули байни ҷавонон ва давлат хидмат намуда, аз манфиатҳои ҷавонон ҳимоят мекунад ва онҳоро ба раванди қонунгузорӣ ҷалб менамояд.

Дар давраи гузашта, Парламенти ҷавонон ҳамчун як ниҳоди муҳим барои баланд бардоштани дониш ва малакаҳои сиёсию ҳуқуқии ҷавонон ташаккул ёфта, тавассути тарғиби қонунҳо ҳисси дахлдории ҷавононро ба ҳаёти ҷамъиятӣ таҳким мебахшад ва фаъолнокии сиёсии онҳоро афзоиш медиҳад. Воқеан, он барои ифрози ошкорои андешаҳои ҷавонон ба минбари баланд табдил ёфтааст.

Дар Парламенти ҷавонон, ки дар Сенат ва Палатаи қонунгузорӣ таъсис дода шудааст, ҷавонон дар амал диданд, ки пешвои сиёсӣ, мактаби демократия ва парламентаризм бояд чӣ гуна бошад. Дар интихоботи охирин, ду нафар аз ин ҷавонон ба Палатаи қонунгузорӣ ва 250 нафари дигар ба шӯроҳо ҳамчун вакил интихоб шуданд.

Маҳз ба туфайли чунин кӯшишҳо, имрӯз дар Ӯзбекистони Нав тағйироту навовариҳои бузург ба амал меоянд. Ҷавононе, ки қаблан бекор ва бе манбаи даромад буданд, инчунин занон, имрӯз соҳиби ҷойи кори доимӣ ва манбаи устувори даромад гардида, бо хотирҷамъӣ зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба ҷомеа, давлат, маҳалла ва Ватани худ фоида мерасонанд.

Роҳбари давлатамон дар ҳар як суханронии худ ба ин масъала дахл намуда, аҳамияти ба ҷавонон омӯзонидани касбҳои муосиреро, ки дар бозори меҳнат талаботи зиёд доранд, инчунин ташаккули малакаҳои соҳибкорӣ ва меҳнатдӯстиро пайваста таъкид мекунад.

Мулоқоти Президент Шавкат Мирзиёев бо ҷавонони кишварамон, ки ба қарибӣ ба вуқӯъ пайваст, дар ҳаёти соҳибони оянда воқеаи фаромӯшнашаванда гардид. Таваҷҷуҳ ва ғамхории роҳбари давлат тамоми ҷавонони Ӯзбекистонро барои расидан ба қуллаҳои нав руҳбаланд сохт.

Дар ҳафтаи охири ҳар моҳ дар маҳалҳо мулоқотҳо бо интихобкунандагон баргузор мекунем. Дар ҷараёни ин вохӯриҳо бо ҷавонон суҳбат мекунем. Ростӣ, аксарияти онҳо ба соҳибкорӣ ва оғози тиҷорати худ таваҷҷуҳи баланд доранд. Чашмонашон пур аз шӯълаи умед ва дилҳояшон лабрези орзуст. Аммо онҳо имкони оғози кор ё татбиқи лоиҳаҳои худро надоранд, барои ин қурбашон намерасад.

Роҳбари давлат эълон кард, ки имрӯз барои рушди соҳибкории ҷавонон ба як марҳилаи комилан нав ворид мешавем ва дар ин замина се санади муҳимро ба имзо расонд. Тибқи санади аввал, дар назди Агентии кор бо ҷавонон Бунёди рушди соҳибкории ҷавонон таъсис дода шуда, барои он 100 миллион доллар маблағ ҷудо гардид.

Ба ҷавонони соҳибкор то 2,5 миллиард сӯм қарзҳои имтиёзнок дода мешаванд, ба лоиҳаҳои стартапии ҷавонони ташаббускор то 2 миллиард сӯм сармоягузорӣ карда мешавад. Ин навгониҳо барои ҳазорҳо ҷавононе, ки хоҳиши оғоз кардани тиҷорат доранд, як хабари хуш ва рӯҳбаландкунанда гардид. Рост аст, ки онҳо ба фаъолият ҳидоят шуданд ва ба ҳаракат омаданд.

Маълум аст, ки дар таъмини шуғли ҷавонон ва баланд бардоштани даромади воқеии онҳо низоми ҷудо намудани замин самараи хуб медиҳад. Танҳо соли гузашта 56 ҳазор гектар замин ба ҷавонон ҷудо карда шуд. Ин натиҷаи хуб дода, ҳоло 153 ҳазор нафар ҷавонон бо деҳқонӣ машғуланд. Имсол дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Ҷиззах, Фарғона ва Тошканд 3 ҳазору 300 гектар замини бекорхобида бо низоми нав ба иҷора дода мешавад.

Ташкили кооперативҳои ҷавонон ва мусоидат ба баланд бардоштани дониш ва малакаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамчунин ҷудо намудани то 500 ҳазор доллар қарз барои соҳибкороне, ки тавассути ипотекаи саноатӣ бино гирифтаанд, махсусан, пешниҳоди таҷҳизот бо шартҳои имтиёзнок ба он ҷавонони соҳибкоре, ки майдони тайёри истеҳсолиро дарёфт кардаанд, қарори дуруст ва оқилона мебошад.

Дар идораи давлат ва ҷомеа, пешрафти тиҷорат ва умуман, рушди ҳамаи соҳаҳо ҷавонони боистеъдод нақши муҳим мебозанд. Онҳо барои ҷомеа ҳамчун «хуни нав» хизмат мекунанд. Пас, дастгирии ҷавонони соҳиби дониш ва малакаҳои муосир, ки бо умед ва орзуву ҳадафҳои бузург барои пешрафти Ватан саҳм гузоштан мехоҳанд, вазифаи ҳар яки мост.

**Одинахон ОТАХОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Дар марзҳои дӯстӣ*

***Боиси хушнудист, ки соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дӯстонаи Ӯзбекистон ва Тоҷикистон саҳифаи наве боз шуд, ки бо ному корнома, ҷасорату матонати сарварони ду кишвар вобаста аст. Якуми марти ҳамон сол дар арафаи нахустин сафари давлатии Президенти Ӯзбекистон ба Тоҷикистон 16 гузаргоҳи сарҳадии байни ин ду мамлакат боз шуданд, ки яке аз онҳо «Ҷартеппа – Саразм» аст.***

# ҲАМСОЯ – БАР САРАТ СОЯ

Ҳамон рӯзи таърихӣ мо, як гурӯҳ аҳли Самарқанд шоҳиди шодмонии шаҳрвандони ҳар ду ҷониб шудем. Вақте ки чеҳраҳои пурханда, гарму самимӣ ва ашки шодии эшонро дидем, беихтиёр вуҷудамонро ҳолати риққатовар фаро гирифта, дидагони мо низ нам гашт.

Монеаҳои сунъӣ, таблиғоти дурӯғин, симхорҳои марз дар ҳудуди беш аз 1330 километр, дӯстӣ, меҳру муҳаббати мардуми ду кишвари ҳамсояро шикаста натавонист. Охир солҳои сол, тӯли асрҳо халқҳои тоҷику ӯзбек дар ҳавзаи ягонаи сиёсӣ, ҷуғрофию фарҳангӣ умр ба сар мебурданд ва ин омил дар сарнавишту шеваи зиндагии онҳо таъсиргузор буд. Дӯстӣ ва бародарии ин ду халқ қавӣ буда, робитаҳо хеле густурда ва домадор ҳастанд.

Имрӯзҳо гузаргоҳи сарҳадии «Ҷартеппа – Саразм» куллан тағйир ёфта, акси барқади сарварони давлатҳои ҳамдӯсту ҳамдил, ки ҳар шахси ба ин ҷо ташрифовардаро гӯё хайра мақдам мегӯянд, табъи касро болида месозанд.

Чуноне ки роҳбаладӣ ман, котиби матбуоти Садорати боҷхонаи вилояти Самарқанд Ғайрат Сатторов иттилоъ дод, танҳо соли гузашта сарҳадро як миллиону 239 ҳазор нафар убур кардаанд, ки нисбати соли 2023 қариб 30 фоиз зиёд аст. Шумораи нақлиёт бошад, 8 ҳазору 255 ададро ташкил медиҳад.

Афсӯс, ки дар гузаргоҳ 73 маротиба ҳолатҳои қонунвайронкунӣ низ муайян гардида, 21 парвардаи ҷиноӣ боз шудааст.

Аммо аксарияти мардум дар доираи қонун нон, меваю сабзавот, маҳсулоти полизӣ, озуқаворӣ, сару либос, асбобҳои мусиқиро содиру ворид мекунанд.

– Ман сокини ноҳияи Ургут, – худро муаррифӣ кард пирамарди 76-сола Абдуллобобо. – Кори неку хайр аст, ки сарҳад кушода шуд. Замоне буд, ки мо тӯю маъракаҳо он сӯ истад, ҳатто ба таъзияи хешу пайвандон рафта натавониста, аз сиёсати собиқ роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ҳайрон будем.

Халқи мо дар бобати ҳамсоядорӣ ҳикматҳои фаровоне доранд, монанди: «Ҳамсоя – бар сарат соя», «Аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳ». Ин ҳикматҳои бузургон фармудаи одӣ не, балки ҷавҳару дурдона мебошанд.

Ман аз фурсат истифода бурда, ба Президентамон миннатдорӣ изҳор мекунам, ки ҳаққи ҳамсояро ба ҳаққи Худо баробар дониста, сарҳадҳоро кушоданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# «ТО ТАВОНӢ ДӮСТОНРО ГУМ МАКУН...»

***Як гули мақсуд дар ин бӯстон,***
***Чида нашуд бе мадади дӯстон.***
***Саъдии ШЕРОЗӢ***

***Ӯзбекистон бар асари умумияти таърихӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва марзҳои муштарак ҳамеша дар таманнои густаришу таҳкими муносибатҳои дӯстона, неку хайр бо ҳамсоякишвар – Тоҷикистони бародарӣ буд ва хоҳад монд.***

***Таърих гувоҳ аст, ки ин ду халқ борҳо аз имтиҳонҳои гуногун гузашта, сарзамини хешро ба гулистону марказҳои тамаддун табдил додаанд, ки ҳоло Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Истаравшан, Хеваю Қуқанд далели раднопазири ин гуфтаҳо мебошанд.***



*Дар кабинети забон ва адабтиёти тоҷик.*

Соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек саҳифаи наве боз шуд, ки бо хатти заррин сабт хоҳад ёфт. Ин муносибатҳои неку созанда, бешак бо ному корнома, дурандешӣ ва ҷасорату матонати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот дорад.

Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо барои муоширaт ва рафту омади озодонаи шаҳрвандони ҳар ду кишвар ҷиҳати дидорбинии хешу табор, саёҳату тиҷорат ва фарҳангӣ тамоми имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд. Воқеан, дар ин самт, пеш аз ҳама, аҳли зиё, яъне шоирону нависандагон, олимону донишмандон ва ходимони фарҳангу матбуот фаъол ҳастанд.

Чанде пеш бо ташаббуси созмонҳои илму адаб ва фарҳанги Тоҷикистон дар Самарқанд зери шиори «То тавонӣ дӯстонро гум макун...» анҷумани бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваст, ки хеле дилнишину гуворо ва хотирнишон буд.

Меҳмонону мизбонон қабл аз оғози тадбир дар қасри «Нурафшон» асарҳои рассомони ҷавони вилоят ва аксбардори машҳур, узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Шуҳрат Ёровро тамошо карда, ба истеъдоди онҳо тасанно гуфтанд.

Сипас анҷумани фарҳангӣ оғоз ёфт. Муҳаррири рӯзномаи «Зарафшон», Фармон Тошев пас аз сухани муқаддимавӣ риштаи суханро ба Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода дод.

– Эҳсоси олии дӯстӣ, бародарӣ ва дастгирии якдигар асосҳои таърихии муносибатҳои байни халқҳои тоҷику ӯзбек мебошанд, ки тӯли асрҳо аз насл ба насл интиқол ёфтаанд, – иброз дошт сафир. – Дар садри ин муносибатҳо алломаҳои Шарқ Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ қарор доранд.

– Воқеан, дӯстию ҳамбастагӣ дар ҳар давру замон мувофиқи абёти машҳури устод Мирзо Турсунзода:

*То тавонӣ дӯстонро*
*гум макун,*
*Дӯстони меҳрубонро*
*гум макун.*
*Дар ҷаҳон бе дӯст будан*
*мушкил аст,*
*Мушкилосонкункасонро*
*гум макун...»*

дар байни доираҳои илмию адабӣ, фарҳангӣ ва маданӣ шиори асосӣ аст, – гуфт президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Қобилҷон Хушвақтзода. – Ман бовар дорам, ки ҳамкориҳои мо дар ҳамаи бахшу самтҳо минбаъд низ густариш хоҳанд ёфт.

Муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирхоҷа доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи адабиёти ду халқ ҳарф зад. Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким дар бораи дӯстии байни адибони ду миллат сухан гуфт ва шеъри тозаи хешро бо эҳсосоти баланд қироат намуд.

Ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов дар баромади худ таъкид намуд, ки Самарқанд гаҳвораи матбуоти тоҷик аст. Зеро соли 1924 маҳз дар ин шаҳри бостонӣ нахустин шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп шуда, ҳоло на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои тоҷиктабор низ маҳбубият дорад.



*Дар Осорхонаи Устод Айнӣ.*

Дар қисмати бадеии анҷуман ҳунарпешагони самарқандӣ Асадулло Атоуллоев, Озода Аҳмадова, Мардон Мавлонов, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Тошбой Муҳаббатов ва дигарон бо сурудҳои дилошӯбу дилнишин таъби ҳозиронро болида сохтанд.

Сипас меҳмонон аз Осорхонаи Устод Садриддин Айнӣ дар Самарқанд боздид ба амал оварданд.

Мудири он Амриддин Пӯлодӣ ба меҳмонон доир ба таъмиру тармим ва афзоиши экспонатҳо маълумот дод.

Директори Осорхонаи Устод Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе Амирхоҷа Абдураҳимов, директори муассисаи нашриявии «Адиб»-и Тоҷикистон Раҳмоналӣ Мирализода ва як қатор шоирону нависандагон асарҳои тозанашри хешро ба китобхонаи осорхонаи устод тақдим намуданд.

Толибилмони мактаби миёнаи рақами 22-юми шаҳри Самарқанд шеъру ғазалҳои устод Садриддин Айниро қироат карданд. Миёни меҳмонону мизбонон суҳбати самимӣ баргузор шуд. Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов хонаи забон ва адабиёт тоҷик низ ба тарзи тантанавӣ кушода шуд.

Ҷонишини ректори донишгоҳи мазкур, профессор Аҳмадҷон Солеев меҳмононро хайра мақдам гуфта, таъкид намуд, ки риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо як қатор мактабҳои олии Тоҷикистон сол то сол ривоҷу равнақ меёбад.

Дар толори факултаи биология бошад, нишасти адабӣ бо номи «Ганҷи сухан», ки ин маҳфили адабӣ дар шаҳри Хуҷанд фаъолият дорад, ба вуқӯъ пайваст. Дар он эҷодкорони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Абдулло Субҳон, Паймон, Хоҷа, Аскар Ҳаким, Асадулло Шукуров, Баҳром Раҳматзод ва дигарон аз ашъори худ қироат карданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигорони «Овози тоҷик».**

*САМАРҚАНД.*

***Суратгир:***
***Ҳасан СУЛАЙМОНӢ.***

# ИХТИРОЪҲОЕ, КИ ОЛИМРО ШИНОСОНД

***Низом Неъматов баъди дар шаҳри Маскав бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи номзадӣ, ба Самарқанд баргашта, дар Донишгоҳ бо мудири кафедраи оптика А.Отахоҷаев вохӯрд. Вай Неъмат Низомовро бо ҳимояи бомуваффақияти рисолаи номзадӣ табрик намуда, изҳор дошт, ки ҳоло ҳама ба ҷамъоварии пахта сафарбар шудаанд. Олими ҷавон рӯзи дигар ба ноҳияи Иштихон рафт. Ҳамон сол ҷамъоварии пахта то 26-уми декабр идома ёфт.***

Пас аз бозгашт аз мавсими ғунучинии пахта Низомов ҷиддан бо кор машғул шуд. Ӯ ҷавонони боистеъдодро аввал ҳамчун таҷрибаомӯз, сипас ба аспирантура қабул мекард. Натиҷаҳои бадастовардаи эшонро дар маҷаллаҳои марказӣ чоп менамуд. Шогирдонро ба навиштани рисолаҳои илмӣ тарғибу ташвиқ мекард.

Шукр, ки пас аз соҳибистиқлол шудани ҷумҳурӣ аз фанни физика ҳам шурои илмӣ ташкил шуд ва довталабон рисолаҳои номзадиашонро ҳимоя мекарданд.

Неъмат Низомов соли 1985 рисолаи доктории худро сарбаландона дифоъ кард.

Шогирдони ӯ С. Астанов соли 2003 дар мавзӯи «Фотоникаи молекулаҳои рангҳои хӯроквори», Э.Курталиев соли 2017 дар мавзӯи «Фотоникаи молекулаҳои рангҳои стирил ва пайвастҳои ба онҳо наздик» рисолаҳои докторӣ ва солҳои гуногун 14 нафар рисолаҳои номзадӣ ҳимоя намудаанд.

Ҳодисаҳое, ки бо сарварии профессор Н. Низомов дар лабораторияи люминессенсияи Самарқанд бори аввал мушоҳида гардидаанд, дар мактабҳои илмии дигари дунё низ инкишоф ёфта, бинобар онҳо рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя карда мешаванд. Аз ҷумла, ихтироъҳои зерин – дозиметри плёнканок ва муайян намудани госсиполро ба тариқи мисол овардан мумкин аст.

Ҳамон солҳо дар собиқ иттифоқ ҳосили ғаллаву дон хуб нашуд. Бинобар ин, аз давлатҳои хориҷӣ ғалла харида бо поезд, киштӣ ва самолёт мекашонданд. Маълум шуд, ки бо ин ғаллаву дон вирусҳои зарарноки гуногун низ омадаанд. Барои аз вирус тоза кардани ғалла дезинфексияи ба худ хос лозим буд.

Яъне, ба ғаллаву дон бо гамманурҳо таъсир расонда, сипас онро ба истеъмолчиён пешкаш намудан мувофиқи мақсад дониста шуд. Он ба сохти ғаллаву дон камтар таъсир карда, бояд вирусҳоро батамом нест кунад.

Н. Низомов ба Маскав рафта, бо ёрии мутахассисон чанд дозиметри плёнканокро ҳосил намуд. Дар ҳамкорӣ ченкуниҳои зарурииро гузаронд.

Идораи патенти собиқ иттифоқ барои дозиметри плёнканок ба Неъмат Низомов гувоҳномаи муаллифӣ ва унвону нишони «Ихтироъгар»-ро супурд.

– Кай ва дар куҷо набошам, ғаллаву дон ё маҳсулоти онҳоро бинам ё тановул кунам, аз он мамнун мешавам, ки ба набудани вирусҳои зарарнок дар ин хӯроквориҳо, кам бошад ҳам, ҳиссаи ман низ ҳаст, – мегӯяд профессор Неъмат Низомов.

Ин дозиметри плёнканок баъдан ба хидматчиёну коргароне, ки дар бартараф намудани фоҷиаи Чернобил иштирок кардаанд, низ даркор шуд.

Мавҷуд будани госсипол дар таркиби равғани пахта, ки соли 1878 муайян шуда, соли 1886 ба олимон муяссар гардид, ки госсиполи таркиби равғани пахтаро ҷудо карда гиранд. Дар аввали асри XX барои бо усули беҳтарин муайян намудани госсиполи таркиби равған 48 соат вақт ва лабораторияи бо реакторҳои иловагӣ, асбобу ускуна, мутахассисони соҳибмалака, газ, қувваи барқ ва оби иловагӣ таъминшуда лозим будааст.

Бо роҳбарии профессор Н.Низомов индикаторе, ки госсиполи таркиби равғани пахтаро ба таври экспресс муайян мекунад, ихтироъ карда шуд ва соҳиби патент гардид. Ҳоло бар асоси ин усул асбоби хурду одие сохтаанд, ки бо ёрии он микдори госсиполи таркиби равғани пахта зуд чен ва муайян карда мешавад. Ин асбоб дар байни мутахассисони соҳа боиси мароқи калон шуд. Аз ҷумла, Вазорати нигаҳдории тандурустӣ бобати бехавфии маҳсулоти хӯрокворӣ бо иштироки мутахассисони хориҷӣ семинар гузаронд. Н.Низомов дар он маърӯза хонд ва ҳозирин ба тадқиқоти мазкур баҳои баланд доданд. Мутахассисони хориҷӣ таъкид намуданд, ки ин асбоб на танҳо барои Ӯзбекистон, балки кишварҳое, ки пахта мекоранд, низ зарур аст.

Маркази байналмилалии биографӣ (Англия, Кембриҷ) ихтироъҳои Неъмат Низомовро эътироф карда, ӯро соли 2021 ба рӯйхати садгонаи беҳтарини муҳандисон ва соли 2013 ба номгӯйи «муҳандисони пешоҳанг»-и ҷаҳон ворид кард.

Профессори ДДС Н.Низомов дар арсаи байналмилалӣ низ олими шинохта аст. Соли 2012 ӯро ба китоби алломаҳои асри XXI дохил намуданд. Вай соли 2014 ғолиби номинаи «Одами сол» шуд.

Ӯ то ҳол дар роҳи илм ва эҷод монда нашуда, заҳмат мекашад.

**Элдор КУРТАЛИЕВ,**
**профессор.**
**Тошкул АЗИМОВ.**

*Таҳлил, танқид, таклиф*

***Синамо яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи ҳаёти фарҳангии мост. Вақтҳои охир қатори дигар соҳаҳо кинематографияи миллӣ низ равнақ ёфт. Барои ҳарҷониба ривоҷ ёфтани он давлат ғамхориҳо зоҳир менамояд. Хусусан дар соле, ки сипарӣ гашт, чорабиниҳои дараҷоти давлатие, ки бо мақсади тавсеаи бештари сохтор андешида шуданд, самараи дилхоҳ мебахшанд. Аз ҷумла, барои равобити наздик ва ҳамкориҳои судманди Агентии кинематография ва ширкатҳои маҳалливу хориҷӣ имкониятҳои тоза фароҳам омад.***

# КОРГАРДОНҲОИ ХУБ БИСЁР, СЕНАРИЯНАВИСҲОИ ХУБ-ЧӢ?

Ба агентӣ рухсат дода шуд бо истифода аз ин гуна ҳамкориҳо дар асоси барномаи «Таърихи зинда» филмҳои таърихие офарад, ки аз рӯҳи замонавӣ саршоранд. Зимнан, қабул шудани қарори роҳбари давлат «Дар бораи чораҳои боз ҳам ривоҷ додани соҳаи кинематография ва офаридани силсилафилмҳо бахшида ба таърихи мамлакат» дар ҳаёти кинои рӯз ва киносозони диёрамон воқеаи муҳим гардид.

«Қасри санъати кинои миллии Ӯзбекистон» ҳоло ба яке аз коххои барҳавои фарҳанг дар пойтахт табдил ёфтааст. Аҳолӣ ва меҳмонони пойтахт нафақат барои тамошо, ҳамчунин бо мақсади аз наздик шинос шудан бо таърихи пуршаъни «Ӯзбекфилм» ва бардоштани ғизои маънавӣ аз чорабиниҳои маҳалливу байналхалқии фарҳангӣ ба ин ҷо қадам мегузоранд.

Дар ҳузури Маркази рушди кинематографияи миллӣ мактаби омодасозӣ ва аз нав хонондани мутахассисони миёнаи махсуси соҳа ташкил карда шудааст.

Боз як воқеаи муҳим он аст, ки дар муассисаҳои таълими оливу миёнаи махсус ва дабистонҳои таълими умумӣ толорҳои кинонамоишдиҳӣ барпо мегарданд. Дар онҳо, ҳамчунин дар марказҳои фарҳангии воқеъ дар шаҳру ноҳияҳо беҳтарин филмҳои миллӣ ба тавri ройгон намоиш дода мешаванд.

Аз тариқи телешабакаҳои давлативу хусусӣ хусусан дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои ид асосан намоиш додани филмҳои миллӣ роҳандозӣ шудааст.

Ғамхориҳои давлат ба дилгармӣ ва рӯҳбаландии киносозон ва офаридани асарҳои аз ҷиҳати ғоявӣ баланд мусоидат намуда, филмҳои беҳтарин ва фидоиёни соҳа ба таври муносиб рағбатонида мешаванд. Масалан, ёд оварем маросими супорида шудани мукофотҳои «Олтин ҳумо-2024»-ро.

Ин дафъа барои аниқ сохтани беҳтаринҳо ҳайати ҳакамон аз хориҷ низ ҷалб карда шуданд. Масалан, директори киностудияи «Қирғизфилм» Ақжол Бекболотов, раиси кумитаи робитаҳои байналхалқии Ассосиатсияи кинои Чин Гу Готсзин, эксперти байналхалқӣ Алиризо Шоҳрухӣ, сармуҳаррири киностудияи «Қазоқфилм» офаридаҳои ҳамкасбони ӯзбекистониашонро бо диққат муоина сохтанд ва ба киноасарҳо баҳо доданд.

Филми ҳуҷҷатии «Одамҳои шамол» ва филми аниматсионии «Саргузаштҳои Берунӣ» баҳои баланд гирифт. Ҳамчунин беҳтарин кори монтаж, рассоми грим, рассоми либос, наворбардорӣ ва ҳоказо муайян гашт. «Баҳодур Ялангтӯш» беҳтарин филми бадеӣ шуморида шуд. Айни замон дар номгӯйи «Барои саҳм дар равнақи кинематографияи ӯзбек» Раҷаб Адашев, Исомат Эргашев, Темурмалик Юнусов, Обида Носирова ва Бахтиёр Назаров барин собиқадорони кинои миллӣ соҳиби мукофот гардиданд.

Дар доираи байналхалқӣ эътироф ва соҳиби мукофот гардидани беҳтарин филмҳои «Ӯзбекфилм»-ро бояд қайд кард. Картинаҳое, ки дар ҷашнвораҳои байналхалқӣ ғолиб омадаанд, аз ҷониби ҳукумати Ӯзбекистон низ сазовор мукофотонида мешаванд. Яъне сохтори рағбатноксозии ин филмҳо ҷорӣ карда шудааст. Ғолибон аз рӯйи номгӯйҳои ҷудогона ва соҳибони Гран-при ба андозаи 150 баробари МҲБ соҳиби мукофоти пулӣ мешаванд.

Киноформҳое, ки дар пойтахт рӯйи кор меоянд, дар роҳи дастрас гардонидани комёбиҳо дар соҳаи кинематография ва такмил додани санъати кино хидмат менамоянд.

Соли сипаришуда бо қарори Девони Вазирон дар соҳаи кинематография як қатор ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуданд. Мувофиқи фармони роҳбари давлат комиссия оиди рушд ва дастгирии кинематография, баробари ҳамин, шурои миллии ба баланд бардоштани дараҷаи ғоявию бадеӣ кӯмакрасон ташкил карда шуд.

Яке аз филмҳое, ки вақтҳои охир диққати умумро ба худ кашид, «Се қаҳрамон» унвон дорад, ки дар асоси фармоиши Агентии кинематографияи миллӣ таҳти ҳамкорӣ бо Департаменти амнияти ҷамоатии Вазорати корҳои дохилӣ ба сурат бардошта шудааст. Картина аз саҳнаҳои драматикӣ саршор буда, мубориза алайҳи ҷинояткорӣ дар он акс ёфтааст. Дар ин киноасар вазифаи дар зимма доштаи худро сидқидилона ба иҷро расондани ходимони корҳои дохилӣ дар мураккабтарин вазъиятҳо , садоқат ва ҷонфидоии онҳо дар роҳи таъмини амнияти халқу мамлакат ҳикоя карда мешавад. Ҳар як қаҳрамони асар ҳаракат мекунад тавассути меҳнату муборизаи худ баҳри осоиши диёр вазифаи инсонӣ ва касбиашро намунавор ба иҷро расонад.

Ғояи асосии филм – дар мубориза алайҳи қонуншиканӣ муттаҳидсозии қувва ва саъю ҳаракатҳост. Арзишҳои миллӣ низ тарғиб ёфта, дар қалби тамошобин бидуни ихтиёр эҳсоси инсонпарварӣ ба туғён меояд.

Вазири корҳои дохилӣ Пӯлат Бобоҷонов дар яке аз баромадҳояш ба мазмуну моҳияти «Се қаҳрамон» алоҳида истода гузашт ва гуфт дар картина ҳаёти ходимони корҳои дохилӣ ба тарзи ҳаққонӣ тасвир карда шудааст. Филм ба баҳои муносиби мутахассисон ва тамошобинон низ сазовор гашт. Барҳақ таъкид месозанд «Се қаҳрамон» аз комёбиҳои тозаи кинои миллӣ дар соли 2024 буда, баробари мароқангез будан ва дар тамошобин таассуроти хуб гузоштан талқин месозад дар ҳаёт ҳамеша барои нишон додани садоқат ва қаҳрамонӣ ҷой ҳаст. Инчунин дар филм робитаи мустаҳкам миёни халқ ва давлат бо рангубори хоса ва услуби бадеӣ ифода ёфтааст.

Аз ҷониби як қатор киностудияҳои хусусӣ низ бисёр филмҳои қобили таваҷҷуҳ ба навор бардошта мешаванд. Нахустнамоиши онҳо бо иштироки ҳунарварони ҷавони соҳаи синамо шавқовар сурат мегиранд. Қисмате аз онҳо (мисолан, «Акнун падарам зангир», «Модарандар», «Оқипадар», «О, Марям, Марям», «Зани танҳо», «Сабрия»), ки то андозае фарогири мундариҷаву мавзӯоти ҳаётианд, алъон аз тариқи шабакаҳои гуногуни телевизионӣ такрор намоиш дода мешаванд.

Вале на ҳамаи картинаҳое, ки намоиш меёбанд, дар як пояанд. Тамошои баъзе филмҳо ба кунд шудани завқи тамошобин сабаб шавад, баъзеи дигар бо обшустагии мавзуъ, рӯякӣ будани мундариҷа, сужете, ки диққати умумро намекашад, бинандаро аз санъати кино дилхунук карданаш мумкин.

Тақлиди кӯркӯрона ба филмҳои хориҷӣ низ қубҳи кинои мост. Воқеоти аз ҳаёт дурчи? Мебинед ва ба худ мегӯед ин гуна ҳодиса наход дар рӯзҳои мо, дар ҷойҳои мо рӯй диҳад? Бигирем, картинаи «Гурги танҳо»-ро, ки жанраш триллер-драма мебошад. Сюжет бо марги модар, ятим мондани ду писарчаи дах-дувоздаҳсолаи ӯ, зани нав гирифтани падар, зулми модарандар ба ятимон оғоз меёбад. Дар рӯзе, ки бачаҳо бояд дар мактаб имтиҳон супоранд, модарандар ҳар дуро ба хона даровaрда, дарро қулф мекунад. Бачаҳо намедонанд чӣ кор кунанд. Калонӣ бо нӯги корд қулфро мекушояд ва ҳамин, ки дар кушода шуду бародарон берун баромаданд, падар даромада меояд.

Бачаҳо дар ҷойи истодаашон шах мешаванд. Модарандар ба шавҳар мегӯяд, дидед, ин бетарбияҳо то кадом дараҷа расиданд: бо корд ба ман ҳуҷум карданӣ шуданд! Шавҳараш бовар мекунад, тасмаи шими худро кушода, ба бачаҳо, хусусан ба калонӣ ҷазои сахти ҷисмонӣ медиҳад, ҳардуро маъюб сохта, аз дар берун мекунад. Бачаҳо дар кӯча мемонанд. Ноилоҷ дари хонаи ҳамсоязанро мекӯбанд... Аз воқеа маҳалла хабардор мешавад. Дар идораи маҳалла падар мегӯяд ба ман бачае, ки ба даст корд гирифт, даркор нест. Калонӣ-ку барои вайрон кардани қулфи дар аз нӯги корд истифода бурд, хурдӣ умуман кордро ба даст нагирифтааст. Вале барои ҳимоя кардани худ чизе намегӯянд. Барои сафед кардани худ чаро чизе намегӯянд, кас намефаҳмад. Чаро ин корро кардед, гуфта ба бачаҳо савол ҳам намедиҳанд. Баҳонае, ки падар истифода кард, ӯро аз масъулияти падарӣ халос мекунад. Касе ё ташкилоте нест, ки таноби ин гуна падарро кашад. Ҳеч набошад насиҳат кунад, ки озор додан, дар кӯча гузоштани ятимакон гуноҳ! Наход зиндагӣ ҳамин қадар бесоҳиб, ба худ савол медиҳад бинанда.

Дар истеҳсоли чи филмҳои студияҳои давлатӣ ва чи хусусӣ, хуб мешуд киносозонамон бо камоли масъулият эҷод кунанд. Ба шуроҳои бадеӣ беҳтарин мутахассисони соҳа ҷалб шуда, онҳо ҳеч вақт ба саҳлангорӣ роҳ нагузоранд. Бо тақлиди кӯркӯрона ба филмҳои хориҷ, дар саҳна намоиш додани ваҳшонияти персонажҳо, хусусан, авбошвор ба ҳамдигар дарафтодани бонувон, фиғону баланду носазогӯиҳо... филмро шавқовар кардан ва ба мурод расидан мумкин нест.

Як вақтҳо беҳтарин нависандагон ва драматургҳо (Саид Аҳмад, Ӯлмас Умарбеков, Раҳмат Файзӣ, Учкун Назаров ва ғайраҳо) барои кино сенария менавиштанд. Коргардонҳо низ ҳунари волои сенариянависӣ доштанд, аз зумраи Рихсивой Муҳаммадҷонов, Мелис Афзалов, Дамир Салимов ва ҳоказо. Киносенария аз гудози муҳокимаҳо мегузашт. Ҳоло-чӣ? Тавре ба назар мерасад қисмате аз филмҳои ҳозира аз рӯйи «сенари»-яи нафаре ба сурат бардошта шуда, ки устод надида ва ба имтиҳони ҳаёт низ рӯбарӯ нашуда, бори аввал қалам ба даст гирифтааст.

Дар мо режиссёрҳои тавоно бисёр. Мактаби хоси коргардонӣ низ самаранок фаъолият мебарад. Аммо кор бо сенариянависон хуб нест. Хуб мешуд киносозони мо, хусусан сарони Агентии кинематография дар ҳамин хусус амиқтар андешанд. Вақте сенария суст аст ё ҳаётӣ нест, ҳатто тавонотарин коргардон асари хуби кино кор карда баровaрда наметавонад.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**

# ҒЕЛОН ТАН АСТ, МАКТАБИ ОН ҶОН



## МАКТАБИ 95-СОЛА Ё УСТОИ «КӮКЧОЙ»

Мактаб аз қадимтарин даргоҳҳои маърифат ва маънавият дар ин минтақаи кӯҳистонӣ мебошад. Аввалин синфҳои маҳви бесаводӣ соли 1928 ташкил шуда, нахустин устоди он Мулло Ҳафизи Авазбадал будааст. Минбаъд дар доираи барномаҳои ҳукуматии он замон аз шаҳри Хуҷанд Олим Ализода ном омӯзгор даъват шуда, ба таълиму тадриси ҷавонон шуғл меварзад. Он рӯзгорон хати 1400 солаи форсию тоҷикӣ бо баҳонаи унсури ҷамъияти кӯҳна канор афканда шудаву ба ҷояш хати лотинӣ ҷорӣ мегардад. Соли 1929-1931 аввалин бинои мактаби деҳа бо сарварии Куряпов ном муҳандиси рус, ки дар бригадааш як даста ҷавонони рустабор кор мекарданд, бунёд гардидааст. Вайро дар деҳа «Кӯкчой» ном гузошта буданд. Зеро забони мардуми маҳаллиро намедонист ва танҳо ҳамин вожаро балад буд.

Баъд аз Олим Ализода ҳафт нафар омӯзгорони яҳудитабор омаданд, ки Пинхосов, Рибий (вайро ғелониҳо Ҳанифа ном гузошта буданд), Арӣ Хаимов, Энталов, Раҳмон (Думана лақаб дошт), Мушаев, Зина ва Валентина Макаровна буданд. Онҳо барои саводнок шудани аҳли Ғелон хеле хидмат кардаанд. Аз деҳаи Сарчашма Киром Остонов, Намоз Чоршанбиев, Абдулло Чоршанбиев низ ба ҷавонони деҳаи Ғелон дарс додаанд. Мактаб то соли 1968 ҳаштсола буд ва хонандагон синфҳои болоиро дар мактаби рақами 57-уми деҳаи Сарчашма мехонданд. Соли хониши 1968-1969 шумори хонандагони мактаби рақами 58 ба 458 нафар расид ва ба мактаби даҳсола мубаддал гашт.

Аввалин омӯзгор аз байни занҳо дар Ғелон Муяссар Нурулҳаққова буд. Мактаби мазкур то ин дам 17 директорро аз сар гузаронидааст. Ҷамоаи омӯзгорон ният доранд, ки баъд аз чаҳор сол 100-солагии ин махзани маърифатро ҷашн гиранд.

## МАКТАБ ЧӢ МУШКИЛ ДОРАД?

Ҳоло мактаб дорои бинои замонавие аст, ки ду қабат дошта, тадрис дар як баст ҷараён дорад. Як бинои нисбатан кӯҳнатар (соли 1985 сохта шудааст), ки хеле таъмирталаб буд, бо сарпарастии ректори Донишгоҳи омӯзгории Қаршӣ Дилмурод Набиев дар ивази 153 миллион сӯм тармим гардид. Аммо имрӯз мактаб ба як толори варзишӣ ва маҷлисгоҳи замонавӣ ниёз дорад. Ҳарчанд толори хурди варзишие мавҷуд аст, аммо ба талаби замон ва на ба яке аз бахшҳои «Панҷ ташаббус», ки раҳбари давлат пешниҳод кардааст, мувофиқат мекунад. Вазъи китобхонаи мактаб нигаронкунанда аст. Китобхонаи дабистон дар маҷмӯъ 700 нусха китоби бадеӣ дорад, ки аз ин ҳамагӣ 200 нусха китоби бадеии тоҷикӣ аст. Китобдор Савринисо Абдувалиева гуфт, ки иштиёқи хонандагон ба хондани китобҳои бадеӣ ба забони тоҷикӣ зиёд аст, аммо набудани ин китобҳо табъи онҳоро хира мегардонад. Мутаассифона, ба идораҳо дар ин маврид муроҷиати хаттие сурат нагирифтааст. Умедворем, ки дар ҳалли ин мушкил ҷиддӣ андеша мекунанд.

Мушкили дигаре, ки дар мактаб мавҷуд аст, кам будани шиору овезаҳо бо забони тоҷикист. Номи ҳамаи синфхонаҳо дар қатори забони давлатӣ бояд ба забони тоҷикӣ низ навишта шаванд, ки зеби мактаби тоҷикӣ мебошад.

## АЗ ҒЕЛОН БА САРЧАШМА

Баъд аз дидору мулоқоти хотирмон бо омӯзгорону хонандагони мактаби рақами 58 ва як идда аҳли фарҳангу ҳунари деҳа, аз ҷумла бо бобои Малики ҳафтодсола, ки азм кардааст дар гашти умр таърихи зодгоҳи худро навиштаву аз гумномӣ эмин дорад ва Карими Халил, ки собиқ директори ин мактаб буда, шахси мубοризу ҳақгӯест, аз оғӯши Ғелони латиф ба самти деҳкадаи Сарчашма роҳ пеш гирифтем. Мошини «Нива»-и акои Ҳамроқул дар баромадгоҳи деҳа қарор гирифт. Дар ҳошияи роҳ мошини «УАЗ» низ чароғакҳои огоҳкунандаи худро фурӯзон кардаву меистод. Ронанда пичпич ба сухан омада, кадом як ояҳоро аз китоби Худо хонд ва пас ба самти рости роҳ нигариставу даст ба дуо бардошт. Чун дар пайравии ӯ ман ҳам «омин» гуфтам, акои Ҳамроқул бо фахр ишора кард:

– Расми мо – мардуми Ғелон ҳамин аст. Аз деҳа сарозер, ки шудем, фурсате ин ҷо истодаву аз бобоҳои худ иҷозати сафар мегирем. Ин ҷо хокҷои азизони Худо аст!

Зимистони «гарм»-и деҳаи Ғелонро тамошо кардаву аз сидқи тамом оҳиста гуфтам:

– Илоҳо, мардуми Ғелонро музаффар ва мушкилоташро бартараф намоӣ!



*Дипломсупорӣ ба маъмурияти мактаб.*

## НОМУСИ ТОҶИКОНА

Як қисмати ҷавонони ғелонӣ ба нияти кор дар кишварҳои хориҷӣ қарор доранд ва онҳо мустақил сохтани коргоҳҳои хурду бузургро дар ин минтақа ба нақша гирифтаанд. Ба ин тартиб мехоҳанд ҷавонони бекор ва бонувони хонанишинро алоқадри ҳол аз панҷаи бедоди бекорӣ ва фақр бираҳонанд. Онҳо даъватҳои ҳукумат ва ташаббуси роҳбари давлатро хуб дарк кардаву саъй мекунанд, ки ба рушди соҳибкорӣ мусоидат намоянд. Аз суҳбатҳои аҳли назар дарёфтам, ки мардуми Ғелон аз қадим дӯст медоранд, то ҳар гуна мушкилоти рӯзгорро бо роҳи ҳашари умумӣ ва бо нерӯи бозувону ақлу заковати худ ҳал созанд. Аз побандӣ ба кӯмакҳои беруна як навъ ор ҳам мекардаанд. Ин аст, ки замоне дар Сафеддарёи хурӯшон 50 нерӯгоҳи хурди обии барқии худсохт насб кардаву рӯзгори худро аз торикӣ раҳондаанд.

Ғелон соҳиби мазороти зиёде аст ва маъруфтарини онҳо Хоҷа Зайниддини Баззоз, Мазори Мунаввар, Хоҷа Исмоил, Хоҷа Басмоил, Хоҷа Аловиддин, Турки Туғён, Муҳаммад ибни Ғайлонӣ, Ҳазрати Султон ҳастанд. Бо мақсади дидану зиёрати ин макон аз гӯшаву канор ихлосмандони зиёде меоянд. Зиёратгоҳҳои Турки Туғён ва Маҳмуд ва Муҳаммад ибни Ғайлонӣ (бародарон) аз ҷониби мардуми Ғелон ободу зебо гаштаанд. Масҷиди ҷомеи ин мавзеъ ба номи Муҳаммад ибни Ғайлонӣ буда, назар ба маълумоти донишмандон ин фақеҳ ва азизи Худо ба муҳаддиси машҳури олами ислом Ҳакими Тирмизӣ устодӣ кардааст. Табиати мафтункор ва маъвои бисёре аз азизони Худо будани Ғелон ба ривоҷи этнотуризм, экотуризм ва туризми зиёратӣ мусоидат хоҳад намуд. Ин аст, ки 8-уми майи соли 2019 қарори Девони Вазирон ба имзо расида, деҳаҳои Кӯл ва Ғелон макони этно ва экотуризм эълон гаштанд. Инак, аз имзои қарор 6 сол гузашт, вале то ҳол бахшҳои ин тарҳи хуб ба таври бояду шояд дар амал татбиқ нагаштаанд.



*Дар осорхонаи ҳунарманд.*

## МАКТАБИ 58 – МАХЗАНИ МАЪРИФАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мактаби рақами 58-ум дар байни чанд дабистони таълимашон ба забони тоҷикӣ аз беҳтаринҳо ба шумор меравад. Роҳбари ин таълимгоҳ марди накӯном Рустам Авазов буда, муовини ӯ омӯзгори хушном Ҳамза Фахриддинов аст ва мудири қисми илмии мактаб ба дӯши Қобил Муҳаммадиев вогузор шудааст.

Дар ин маскани илму маърифат 559 донишомӯз машғули тадрис буда, ба онҳо 53 омӯзгори ҳирфаӣ таълим медиҳанд.

Аз ин ҷамъ 3 омӯзгор тоифаи олӣ, 12 муаллим тоифаи якум ва 16 кас тоифаи дуюмро соҳибанд. Боқӣ мутахассисоне ба шумор меравaнд, ки дар касби худ пешрафт кардаанд.

Дар деҳаи Яккахона мактабе ҳаст, ки бахши дабистони рақами 58 маҳсуб меёбад ва он дар дурии 12 км. аз Ғелон ҷой гирифтааст. Омӯзгорон аз Ғелон рафтаву дар он ҷо низ дарс медиҳанд.

Мактаб омӯзгорони хубе дорад, ки онҳо дар таълиму тадриси донишомӯзон ҳиссаи калон мегузоранд. Ҷамшед Нарзиқулов (фанни таърих), Ҷонибек Маҳмадёров (забони ӯзбекӣ), Самрат Сайфуллоев (тарбияи ҷисмонӣ) ва Бозор Муҳаммадиев (муаллими синфҳои ибтидоӣ) аз омӯзгороне мебошанд, ки бо дониш ва таҷрибаи хуби педагогӣ дар байни ҷамоаи омӯзгорон маҳбубияти хосе доранд.

– Муаллими фанни тарбияи ҷисмонӣ Самрат Сайфуллоев соҳаи варзишро дар мактаб пеш бурда, мавқеи онро дар ноҳияву вилоят боло бурдааст. Вай ва шогирдони ӯ дар давоми 4 соли охир ба мактаб беш аз 80 нишон, диплом ва ташаккурномаҳо овардаанд, – бо ифтихор мегӯяд директори мактаб Рустам Авазов.

## ПОРАЕ АЗ ТАЪРИХ

Мардуми шарафманди деҳаи Ғелон 100 сол муқаддам аз ин, яъне 23-юми сентябри соли 1925 ба фоҷеае рӯ ба рӯ гаштанд, ки ҳанӯз аз ёди он рӯзҳои сахт ҳама дил мефишоранд. Сарвари босмачиҳои минтақа қӯрбошӣ Тангрибердии Додхоҳ бо як даста силоҳдорони хуношоми худ ба Ғелон ҳуҷум карда, 76 нафар мард, 68 тан зан, 94 кӯдакро қатли ом мекунанд. Дар натиҷаи ин набарди хунин 300 хонадони деҳа ба коми оташ рафтаву чорвои зиёде зинда ба зинда сӯхта, ба хокистар мубаддал мегарданд. Назар ба нақлҳо, он дастаи бетараҳҳум ба яке аз хонаҳо даромада, модареро ҳадафи тир қарор медиҳанд, ки ба кӯдаки худ шир медод. Баъд аз чандин соати фоҷеа мардум он кӯдакро дар гаҳвора пайдо мекунанд, ки ҳанӯз синаи модари беҷон дар даҳон ва шири ӯро мемакид. Ҳамон кӯдак ба пирӣ расида, ҳар гоҳ ба ёди мардум он рӯзҳои хунинро зинда медошт. Ҳоло дар шафати чойхонаи мӯйсафедон лавҳаи сангии ёдгорие гузошта, номи зиёдтар аз 50 нафари қурбониёни он рӯзи машъумро сабт кардаанд. Аҳли деҳаи Ғелон мақсад доранд, ки имсол дар ёди 100-солагии ҳамон фоҷеаи пур аз хуну оби чашм чорабиние баргузор созанд.

## ТУРИЗМИ НАВ ДАР ДЕҲА

Қарор аст, ки дар Ғелон маҷмуаи замонавии лижаронӣ сохта шавад, ки дорои ҳама гуна шароит бошад. Қисмати аввали лоиҳа 100 миллион доллари ИМА нарх дошта, дар он сохтани 4 пайроҳаи лижаронӣ, 5,9 км. симроҳаи гондолавии самти Ғелон – Сарчашма, 35 вилла, 1 маркази ташриф, меҳмонхонаи чорситорадор, истгоҳи автомобил, майдончаи чархбол дар назар аст. Бахши дуюм ва сеюми лоиҳа 200 миллион доллари ИМА арзиш дошта, 3,8 км. симроҳаи дорои кабинаҳои ҷоинишаст ва 2,9 км. симроҳаи гондолавӣ, 21 пайроҳаи лижаронӣ, 3 меҳмонхона, ду ресторан,75 вилла ва дигар иншооти муҳим сохта хоҳанд шуд. Аз рӯи маълумотҳо, деҳаи Ғелону атрофаш ҷамъ 5400 га замин дорад, ки як қисми он ба мамнӯъгоҳ мутааллиқ ва убуру мурур таҳти назорати шадид қарор доранд. Дар бунёди маҷмӯаи замонавии лижаронӣ ҳудуди 3000 га замини деҳкада истифода хоҳад шуд, ки як бахши аъзами онро боғҳои сарсабз ва боровари сокинон ташкил медиҳанд. Ҳоло бошандагони Ғелонро рӯҳияти баде фаро гирифтааст ва ҳар ҷо сӯҳбате оғоз мегардад, аз паёмадҳои ин кор сухан рафтаву изҳори нигаронӣ мекунанд, ки боғҳои аҷдодиашон, ки гузаштагони бошарафи онҳо бо меҳнати сахте бунёд кардаанд, аз байн хоҳанд рафт. Мардум аз ягона манбаи даромади худ ҷудо хоҳанд гашт. Бо қадами ҷаҳонишавӣ манзараи муҳити зист ва этнографии ин деҳкадаи кӯҳистонӣ, ки чашмаи хурӯшони фарҳанги миллӣ ба шумор меравад, осеб хоҳад дид.

## ЧАНД СУХАН АЗ БОБИ САНЪАТ ВА ҲУНАР

Дар санъату ҳунар мардуми Ғелон хеле пешсафанд ва ин суннати мақбули аҷдодиро бо камоли майл идома ва бидуни шикасте ба насли оянда мегузоранд. Аз ҷумла, намоишгоҳи суратнигораҳои манзаравӣ ва портретҳои мондагори мусаввири номии деҳа, узви Академияи рассомони Ӯзбекистон Муҳаммадии Устониёз дар хонаи падариаш далели ин гуфтаҳо буда, кунун маҳалли доро-барои сайёҳони ватаниву хориҷӣ гаштааст. Мусаввири маҳаллӣ Шарифи Зариф низ дар офаридани суратнигораҳо дасти баланде дошта, соҳиби толори шахсии худ аст. Як қисми ҳунармандони ғелонӣ дар шаҳрҳои Самарқанду Тошканд кор карда, номи зодгоҳи худро машҳур месозанд. Масалан, Шамсиддин Шерназаров аз кулолони ангуштнамои ҷумҳурӣ аст, ки дар Тошканд мақом пайдо кардаву касби аҷдодиро идома медиҳад.

Деҳа ду осорхона дорад, ки аз таърихи бостонии ин хокҷой ҳикоят мекунанд. Дар ин маҳалла ҳунари оҳангарӣ низ ривоҷ дорад ва маҳсули дастони оҳангарони ғелонӣ дар минтақа машҳур гаштааст. Қадимтарин осиёби обии қаламрав номи «Чойхӯрбобо» – соҳиби нахустинашро дорад ва 150 сол қабл аз ин бунёд ёфтаву то ҳол бобарор кор мекунад.



*Дар кӯчаҳои Ғелон.*



**Матолиби саҳифаро хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё Шариф ХАЛИЛ ба чоп омода кардааст.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 3698. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.

Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.